# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсия ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдакон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот) мувофиқат мекунад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи илмии интихобнамудаи довталаб Носиров Саъдулло Шукулоевич «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» ҳамчун мавзуи мубрам дар ҳалли вазифаҳои умдаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад. Махсусан, азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ, ки салоҳиятнокии онҳоро аз фанҳои мазкур муайян месозад, барои қонеъгардонии дархости иҷтимоии ҷомеаи навин ва инсони ҳамаҷониба рушдёфтаи давронсоз мувофиқ меояд.

Муаллиф барҳақ ишора менамояд, ки оид ба мавзуъҳои дидактика, хусусиятҳои раванди таълим, ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон ва амсоли ин таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудаанд. Оид ба масъалаи назариявию дидактикии ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ маҳз дар ҷараёни фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ бошад, дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ то ҳол ба таври алоҳида таҳқиқот бурда нашудааст.

Аз ҳамин дидгоҳ, бешак, мубрамии мавзуи таҳқиқот муайян шуда, ҳамчун мавзуи проблеманоки педагогикаи муосир муҳаққиқ ба он рӯ овардааст ва то андозае дар ҳалли мушкилоту муаммоҳои мавҷуда комёб низ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар амалияи таълим фаъолияти босамару

муваффақиятноки субъектҳои асоси ҷараёни педагогӣ – омӯзгору хонандагонро тақозо менамояд, ки ин дар мушоҳидаҳои илмӣ ва натиҷаҳои озмоишҳои педагогии анҷомдодаи муаллифи рисола баъало эҳсос мешавад.

Барои ин дар диссертатсия як қатор сабабҳои мушкилоти мавҷуда, ба монанди нарасидани омӯзгорони дорои касбияти баланд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва сатҳи пасти донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикии онҳо; дастрасии пурра надоштани омӯзгорон ба дастурҳои методӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон; номукаммалию ноустувории барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва омӯзиши нокифояи хусусиятҳои азхудкунии мафҳуму қонунҳои илмӣ, мавҷуд набудани дастуру раҳнамо, барномаҳои махсуси омӯзиши мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ барои омӯзгорону хонандагон; маҳорати пасти касбии омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ барои рушди тамоюлҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон ва ҳоказо дарҷ гардидаанд.

Бо назардошти вижагиҳои вазифаҳои таълим дар шароити муосир, пешрафти илму техника ва инноватсияи педагогӣ зарурати таҷдиди мақсад, мазмуну методҳои таълим ба миён омада, мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти хосро касб намудани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон дар низоми таҳсилот муайян гардидааст.

Нақш ва аҳаммиятнокии намудҳои таълим, шаклҳои гуногуни ташкили таълим, методҳои наву фаъоли таълим, фаъолияти мустақилонаи хонандагон, робитаҳои байнифаннию ҳамгироии донишҳо ва дарсҳои системавӣ, махсусан, дар ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо аз рӯйи проблемаҳои меҳварии фанни таълимӣ дар амалияи таълим собит карда шудааст. Дар ин замина шароитҳое, ки фарогирии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмиро ҷиҳати васеъ гардонидани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъмин месозанд, дар шакли барнома таълиф шудааст.

Муҳаққиқ иброз медорад, ки донишҳои зеҳнии хонандагон дар асоси омӯзиши ғояҳо, мафҳумҳои илмӣ, қонуну қонуниятҳои илмӣ, таҳлили ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, ҳаётӣ, ҷамъиятӣ, хулосабарорӣ аз маводи хондашуда ва ниҳоят, аз ҷамъбасту мураттабсозии донишҳои ҳосилшуда ташаккул меёбад.

Ташаккули мафҳумҳо дар дарс яке аз вазифаҳои марказии таълим маҳсуб меёбад, зеро донишҳои фанни таълимиро аз худ кардан ин, пеш аз ҳама, азхудкунии низоми зарурии мафҳумҳои илмӣ дар назар дошта мешавад. Барои таълим фаҳмидани мазмуну мухтавои мафҳуму қонунҳои

илмӣ, муқаррар намудани мафҳумҳои илмӣ, ки бо ҳам дар муносибатҳои муайян қарор доранд, назарияҳои илмӣ ва қоидаю таърифҳо ниҳоят муҳим аст. Таҳлили мафҳумҳо водор месозад, ки омӯзиши амиқтари доимии мафҳумҳо, минҷумла муносибат ва алоқаю гузариши мутақобилаи онҳо оқилона ба роҳ монда шавад. Ин барои ошкор намудани моҳият ва вазифаҳои ҳодисаҳои омӯхташаванда беҳтар ёрӣ мерасонад. Нафаҳмидани моҳият ва пурра дарк накардани мафҳумҳои илмӣ идораи раванди таълимро душвор мегардонад.

Довталаб роҷеъ ба масъалаи хусусиятҳои раванди таълим, махсусан, тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ва моҳияту вазифаҳои таълими онҳо ибрози назар карда, роҳҳои бартараф сохтани монеаҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳниро, ки ба иҷрои як қатор вазифаҳои муҳим иртибот доранд, муайян намудааст. Ӯ инро дар бедор сохтани майлу рағбати хонандагон, муносибат ба омӯзиш, аз ҳаёти ҳаррӯза дониш андухтан ва аз манбаъҳои боэътимод дастрас намудани маълумотҳои асосноки маърифатӣ мебинад.

Ҳамин тариқ, донишҳо бо роҳу воситаҳои гуногун дар раванди таълим, ҳаёти иҷтимоӣ ва тариқи худомӯзӣ ба даст меоянд, ки асоси ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагонро ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқ дар фарзияи таҳқиқот асосҳои назариявию амалиро инъикос намуда, ба таври самаранок ташаккул ёфтани дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоиро ба анҷом додани як қатор амалҳо, аз ҷумла зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ возеҳу равшан баён намудани мақсаду вазифаҳои дарс ва дарки мазмуни маводи таълимӣ, таъмини риояи талаботи принсипҳои дидактикии таълим дар шароити муосир ва дурусту оқилона ба роҳ мондани омӯзонидану омӯхтан алоқаманд месозад. Инчунин, дар фарзия баэътиборгирии хусусиятҳои фардию психологӣ, дараҷаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон ва муносибати онҳо ба омӯзиш, ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон, фарогирии низоми тадриҷан мураккабшавандаи мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои умумӣ, мафҳумҳои мушаххас, қонунҳои илмӣ ва ғояҳои ҷаҳонбинии илмӣ, ҳамзамон, алоқаҳо ва муносибатҳои байни ҳодисаҳо мазмуни таълим, билохира, интихоби муносибу мувофиқи маводи таълимӣ, метод ва тарзу воситаҳои зимни банақшагирию гузаронидани дарсҳо ва ғайра дар назар дошта шудааст, ки ин тасдиқи худро ёфтааст.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки таҳлили методологӣ ва назариявии ҳолати имрӯзаи таълим анҷом пазируфта, ғояҳои педагогӣ-психологӣ, дидактикӣ ва методӣ, ки ба ҳалли проблемаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон нигаронида шудаанд, ошкор гардидаанд. Масъалаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ – забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон дар шароити муосир мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ-дидактикӣ ва амалии он баррасӣ ва коркард шудаанд. Шароити мусоидаткунандаи омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон пешниҳод гардидааст. Аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ проблемаи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон ва роҳҳои ҳалли он асоснок карда шудаанд. Амсилаи татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълим, ки ба ҳалли вазифаҳои таълим ва самаранокии он мусоидат мекунад, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти татбиқи дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар амалияи таълим ва дигар вазъиятҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёт собит ва дар ин асос тарзҳои азхудкунии онҳо, ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо дар ҷараёни таълими силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ муайян гардидаанд;

Бо мақсади азхудкунии мафҳуму қонунҳои илмӣ ва хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон дар шароити муосири таълим модели нави «Барномаи ташаккули мафҳумҳо» мурраттаб ва барои истифода қарор дода шудааст.

Дар хонандагон ташаккул додани маҳорати дарёфти ғояҳои асосӣ ва ҷудо намудани нуктаҳои асосию дуюмдараҷа дар маводи таълимӣ; таъмини фаъолнокии маърифатӣ, эҷодию ҷустуҷӯӣ ва арзёбии воқеъбинонаи фаъолияти таълимии онҳо; баҳисобгирии хусусиятҳои фардию психологӣ, дараҷаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон, афзоёнидани рағбату муносибати онҳо ба омӯзиши фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ; таълими проблемавӣ, истифодаи дониш ва маҳорату малакаҳои ҳосилшуда дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ; робитаи байнифаннӣ, интихоби шаклу методҳои самараноки таълим, ниҳоят, иқтидори сарчашмаҳои илмию маърифатӣ

ҳамчун омили таъсирбахши ташаккули имкониятҳои воқеии таълимӣ ва асоси худомӯзӣ, худтарбиякунию худинкишофдиҳии хонандагон тавсиф шудаанд, ки аз нуктаҳои илмиии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, аз рӯйи таҳлилу арзёбии адабиёти илмии педагогию психологӣ, дидактикӣ ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷомидаанд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои санҷиши озмоишии ҳолати донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон оварда шудаанд, ки тариқи диаграмма таҳлилҳои қиёсии онҳо возеҳтар инъикос ёфтаанд. Чунончи, муҳаққиқ натиҷаҳои озмоишҳои дар тули соли таҳсил доиршударо баррасӣ ва хулосаи зарурӣ баровардааст. Ин дар мисоли хонандагони синфҳои X – XI аз фанҳои «Таърихи умумӣ» ва «Адабиёти тоҷик» ба мушоҳида мерасад. Мақсад аз ин муайян сохтани сатҳи донишҳо, ташаккули онҳо, пуррагӣ, амиқӣ, мустаҳкамӣ ва мураттабии азхудкунии донишҳо аз рӯйи мавзуи мушаххаси таърихӣ, як мавзуи калон, боб ва умуман, давраи пурраи таърихӣ ва ҳамзамон, ошкор намудани донишҳои байнифаннӣ, донишҳои амиқ ва васеъ роҷеъ ба ҷараёни нави адабиёт, аҳаммият ва хусусиятҳои хоси он мебошад.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маърӯзаю баромадҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидаанд.

Маводи диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор гирифтанд.

Ҳамин тариқ, тавассути санҷишу озмоишҳо ва истифодаи дигар методҳои педагогӣ дараҷаи азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон муайян карда шудааст, ки ин аз аҳаммиятнокии кори таҳқиқотӣ далолат медиҳад.

Ниҳоят, муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои пажӯҳиш ва хулосаю тавсияҳои методӣ монографияи илмӣ таълиф дода, пешкаши доираи васеи кормандони соҳаи маориф ва тамоми зинаҳои таҳсилот гардонидааст.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки самаранокии амсилаҳои пешниҳодшуда оид ба ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон собит шудааст.

Арзиши илмии таҳқиқот дар таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ ва дидактикӣ, ки ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ мусоидат мекунад, инъикос мешавад. Дар ин асос амсилаи консептуалӣ таҳия ва манзури алоқамандони соҳаи таълиму тарбия гардидааст.

Аҳаммияти амалии пажӯҳиш дар он ифода меёбад, ки маводи таҳқиқотии мазкур, аз ҷумла натиҷаҳои озмоишҳо ва хулосаҳою тавсияҳои манзуршударо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳои педагогӣ барои омодасозии кадрҳои илмию омӯзгорӣ ва дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагони синфҳои болоӣ ба кор оянд. Мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология, дидактика ва методикаи таълими на танҳои фанҳои зикршуда, балки дигар фанҳои таълимӣ низ қарор гирифтани онҳо аз манфиат орӣ нест.

Назару андешаҳои муҳаққиқ дар хусуси аҳаммияти иштирок ба дарсҳо ва талаботи таъмини ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон баён ва роҳу тарзҳои таҳлили илмию методӣ намудани онҳо ба роҳбарияти мактабҳо, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон манзур карда шуданд.

Пешниҳоду тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии

касбии равияи педагогӣ, дар курсҳои такмили ихтисос, таҳияи дессертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ, таълифи дастурҳои методию воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ истифода шаванд.

Нишондоду тавсияҳои илмию методӣ, дастуру раҳнамо маҷмуаю монографияҳои илмии таълифшуда доир ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар ғанию васеъгардонии тасаввурот, доираи назару ақидаҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикию методии омӯзгорон, муҳаққиқон, аспирантону магистрантон ва унвонҷӯён метавонанд нақши муассир гузоранд. Дар баробари ин, ҷиҳати ташкили раванди самараноки таълим ва пешгирии тарафҳои манфии таълим низ метавонанд ҳамчун раҳнамо ба омӯзгорон ёрӣ расонанд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.***

Натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 64 таълифоти диссертант, аз ҷумла 3 номгӯй монографияи илмӣ, 4 номгӯй воситаи таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 37 мақола дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмӣ ва дигар нашрияҳои илмю методӣ ба табъ расидаанд, ки мухтавои асосии диссертатсияро бозгӯ мекунанд.

Маърӯзаю баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи баланд, дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва амсоли инҳо инъикоскунандаи натиҷаҳои диссертатсия мебошанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ мебошад. Автореферати он мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода намуда, тасаввуроти аниқро роҷеъ ба моҳияти таҳқиқоти анҷомёфта ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалҳо таъминанд.

Диссертатсия дар асоси муқаррароти Дастурамал фаҳмо, ба забони хуби тоҷикӣ ва риояи қоидаҳои нави он, тартибу ҷобаҷогузории қисмҳои ҷудогона таълиф шуда, алоқаҳои мантиқӣ ва муттасилӣ ба чашм мерасад. Ҳар як боб ва рисола ба пуррагӣ бо хулосаҳои зарурӣ ва мувофиқ ҷамъбаст шудааст.

Умуман, саъй бар он шудааст, ки рисола аз ҳар ҷиҳат, ҳам аз ҳайси муҳтаво, ҳам нигоҳи дурустнавишту имло, ҳам аз лиҳози мантиқу робитаи мантиқӣ бо матолиби мавзуъ саҳеҳу дуруст бошад.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.***

Бо вуҷуди он ки муаллиф таҳқиқоти хубу шоистаи илмӣ ба анҷом расонида, рисолаи илмӣ таълиф додааст, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудию норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Ислоҳи онҳо фоидаовар буда, аз нигоҳи илмӣ арзиши онро афзун месозад, аз ҷумла:

1. Дар боби 3.1., ки ба он «Асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ ва мушаххаси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ» унвон дода шудааст, мафҳумҳо бо намудҳо ҷудо гардидаанду шарҳи онҳо ба таври мӯҷаз омадааст. Агар ҳар як намуди мафҳумҳо шарҳу тавзеҳ ёфта, барои фаҳмотар шудани онҳо аз китобҳои дарсӣ мисолҳо оварда мешуд, нақш ва аҳаммияти мафҳумҳо дар ташаккули донишҳои илмӣ боз ҳам баландтар арзёбӣ мегардид.

2. Дар диссертатсия истифодаи методҳои наву фаъол барои азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон зиёд тавсиф мешавад. Аммо, номи методҳои фаъол, дар кадом лаҳзаҳои дарс ва чӣ гуна истифодаи онҳо муфассал зикр нашудааст.

3. Аз шаклҳои гуногуни ташкили таълим, танҳо сайрҳо (экскурсия)-и таълимӣ ва семинарҳои таълимӣ, ки баргузории онҳо дар синфҳои болоӣ ҷоиз асту дар ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ҷойгоҳи муайянро касб мекунанд, мавриди баррасию таҳлил ва ба сифати мисол нишон дода шудааст. Беҳтар мебуд, агар самаранокии дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим тавсифу таъриф мешуданду муаллиф аз фаъолияти бисёрсолаи педагогии худ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовар мисолҳои мушаххас меовард.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ намудани онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиҳои зикрёфта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии кории диссертатсиониро паст намесозанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, муаллиф онро мустақилона ва дар сатҳи зарурӣ ба иҷро расонидааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои
педагогӣ, профессори кафедраи
забони русӣ барои
факултетҳои ғайрифилологии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мухаметов Гапур Бобоевич

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: 904-42-41-16; E-mail: Khasanov020202@mail.ru

Имзои Г. Мухаметовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

30.04.25